ҶӮРАХОН ОБИДПУР

# СУРУД ВА МУСИҚӢ

Китоби дарсӣ барои синфи 4 - уми
муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

(Нашри сеюм)

*Вазорати маориф ва илми*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*тасдиқ кардааст*

ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2018

**УДК 373.167.1.**
**ББК 85.31Я72+74.266.7**
**О-14**

**О-14.** Ҷӯрахон Обидпур. **Суруд ва мусиқӣ.** Китоби дарсӣ барои синфи 4-ум. Душанбе. Маориф. 2018, 96 саҳ.

## ХОНАНДАГОНИ АЗИЗ!

*Китоб манбаи донишу маърифат аст, аз он баҳравар шавед ва онро тоза нигоҳ доред! Кӯшиш кунед, ки соли таҳсили оянда ҳам ин китоб ҳамин гуна зебову ороста дастраси хонандагони дигар гардад ва онҳо низ аз он истифода баранд.*

### *Ҷадвали истифодаи китоб*

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб *(баҳои китобдор)* | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали соли таҳсил | Охири соли таҳсил |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

**ISBN 978-99947-1-502-2**
**© Маориф, 2018**
**Моликияти давлат**

## *Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон*



### НИШОНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



### ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шеъри Гулназар Келдӣ** **Мусиқии Сулаймон Юдаков**

Диёри арҷманди мо,
Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод,
Саодати ту, давлати ту бегазанд бод!
Зи дурии замонаҳо расидаем,
Ба зери парчами ту саф кашидаем, кашидаем.
Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Барои нангу номи мо
Ту аз умеди рафтагони мо нишонаӣ,
Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ,
Хазон намерасад ба навбаҳори ту,
Ки мазраи вафо бувад канори ту, канори ту.
Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Ту модари ягонаӣ,
Бақои ту бувад бақои хонадони мо,
Мароми ту бувад мароми ҷисму ҷони мо,
Зи ту саодати абад насиби мост,
Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост, ҳабиби мост.
Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

*Ту хориҷнағмаи созӣ, сухан сад зеру бам дорад.*
*(Бедил)*

# Сарсухан

Шукри истиқлол, ки бо қадами муборакаш ба Ҷумҳурии мо дар ҳама соҳаҳои зиндагӣ имкониятҳои васеъ ва баҳри сайқали истеъдоду лаёқат заминаҳои мусоид фароҳам овард. Бо назардошти ин падидаи муҳим мо тасмим гирифтем, ки омӯзиши фанни суруд ва мусиқиро дар сатҳи дигар ва шакли нав барои хонандагон ба роҳ монем, зеро мусиқӣ ба инсон дар ҳама лаҳзаҳои зиндагӣ мунису ҳамдам буда, ба ӯ қуввату дармон мебахшад.

Мусиқӣ дар ҳаёти инсон нақши муҳим дорад. Ҳеҷ як ҷашн ва иду айём бе мусиқӣ баргузор намешавад. Суруди шодию нишот ба кас рӯҳи тозаву илҳоми нав мебахшад. Дар ҳолатҳои душвор мусиқӣ инсонро ба зиндагӣ дилгарм месозад ва ба роҳи рост ҳидоят мекунад. Омӯзиши зебоиву нафосат ва тарбияи зебоишиносии хонандагон, рушди зебопарастӣ ва ташаккули маърифатнокиву фарҳангшиносии онҳо низ ба фанни суруд ва мусиқӣ вобаста аст.

Чунонки аз Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократӣ ба фароҳам овардани муҳит ва шароити мусоид баҳри инкишофи шахси солиму ташаккулёфта ва аз ҷиҳати маънавию ҷисмонӣ обутобёфта нигаронида шудааст.

Саводи мусиқӣ асоси зебопарастӣ ва дарки ҳиссу эҳсосоти инсонӣ буда, ягон фарди ҷомеа набояд аз ин илм бебаҳра монад. Ба воситаи дарси мусиқӣ хонандагон дар мавзӯъҳои гуногун шеърҳо аз бар намуда, ҳисси меҳру муҳаббаташонро нисбат ба волидайн, устодон, оламi набототу ҳайвонот зиёдтар ва ифтихори ватану ватандориашонро фузунтар месозанд.

Тавассути шеъру мусиқӣ хонандагон метавонанд хушоҳангии шеъру шеърхонӣ ва равонию ширинии забони модариро хубтару беҳтар дарк намоянд.

Дар китобе, ки дар даст доред, 16 суруд гирд оварда шудааст, ки хусусият ва зарбу усулҳояшон гуногунанд. Ҳамчунин дар интихоби сурудҳо хусусиятҳои синнусолӣ ва зина ба зина азхудкуниву пешравӣ дар ин самт ба назар гирифта шудааст. Сурудҳо гуногунмазмун буда, дар сифоти модару омӯзгор, кишвару Ватан ва дар васфи баҳору зебоиҳои он, тасвири манзараҳои нотакрори табиати сарзамини биҳиштосои мо офарида шудаанд. Як қатор сурудҳои дигар ба ин ё он ҷашн, ки ҳисси хештаншиносии хонандагонро бедор месозад, бахшида шудааст.

Бо мақсади омӯзиш ва таҳлили мавзӯъҳои зикргардида суруд ва мусиқии композиторони хушсалиқа Зиёдулло Шаҳидӣ, Хайрулло Абдуллоев, Миратулло Атоев, Ҷӯрахон Обидпур, Қудратулло Яҳёзода ва дигарон интихоб шудаанд.

Мусиқии сурудҳо хушоҳангу дилнавозанд, ки аз сурудани онҳо, пеш аз ҳама, худи хонандагон ҳаловат мебаранд. Дар китоб сурудҳое оварда шудаанд, ки вазни шеъру мусиқӣ бо ҳам мутобиқ буда, оҳангашон равону гӯшнавоз аст. Ин аст, ки аз бар намудани онҳо барои хонандагон ягон мушкилие пеш намеорад. Матни сурудҳо низ баландмазмуну оммафаҳм аст ва зуд дар хотири хонандагон нақш мебанданд.

Таълими фанни суруд ва мусиқӣ омӯзгорро вазифадор менамояд, ки барои инкишофи ҳаматарафаи малакаи хонандагон, мусиқидонии онҳо аз имкониятҳои мавҷуда истифода бурда, дарсҳои мусиқиро аз ҷиҳати методӣ дуруст ва шавқовар ташкил намояд.

Талаботи омӯзиши фанни суруд ва мусиқӣ талаб менамояд, ки:

• шунавоии мусиқавӣ ва ҳис кардани ритм мунтазам инкишоф дода шавад;

• дарки хуби маҳорати сароядагии хонандагон сайқал дода шавад;

• тарбияи ташаккули овозии хонандагонро таъмин намояд;

• баҳри рушди сифатҳои хуби овозхонӣ, аз қабили овози мулоим, форам, ҷарангосӣ ва ҳиссиёти сароядагии хонандагон бештар диққат дода шавад;

• ба дарки мазмуни шеър, талаффузи дуруст ва буррои калимаҳо эътибори ҷиддӣ дода шавад.

Дар соли таҳсил мувофиқи соатҳои ҷудошуда бояд 9 суруд аз бар карда шавад. 7 суруди боқимонда дар китоб замима шудааст, ки дар баъзе мавридҳо мувофиқи мавзӯъ, аз рӯйи диди омӯзгор ба ҷойи яке аз сурудҳои ҳатмӣ истифода шуданаш мумкин аст.

Азбаски дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба омӯзиши забонҳои англисӣ ва русӣ эътибор дода мешавад, лозим донистем, ки аз синфи чорум сар карда, дар китоб яктоӣ суруд бо забонҳои англисӣ ва русӣ ҷой диҳем. Омӯзгори суруд метавонад бо ҳамроҳи омӯзгорони забонҳои англисӣ ва русӣ ин сурудҳоро ба хонандагон омӯзонад.

Барои дурусттар дарк кардани зарбу усули сурудҳо аз тарафи сурудсароён ва осон кардани кори омӯзгор мо лозим донистем дар ҳамаи сурудҳо усули дойраро ҳамроҳ намоем. Усули дойра дар як хат дар қатори мусиқии сарахбор бо нота сабт шуда, то ба анҷом расидани суруд бо ҳамон тарз бояд навохта шавад.

Ба андешаи мо, сурудро бо усули дойра ёд додан ҳам кори сурудсароён ва ҳам кори омӯзгоронро як дараҷа осон месозад.



# Қоидаҳои сурудхонӣ

1. Сурудро ҳам рост истода ва ҳам нишаста хондан мумкин аст. Ҳангоми иҷрои суруд китфҳо бояд озод бошанд (бардошта нашаванд).

2. Бо ишораи омӯзгор пеш аз оғози сурудхонӣ ва бо аломати зерин V - ҳангоми бо нота сароидан, орому озод нафас кашед.

3. Дар мавриди сурудхонӣ ё иҷрои машқҳо ба овози худ бештар гӯш андохта, ҳаракат кунед, ки овозатон тозаву дилнишин бароял.

4. Равону форам сурудан асоси пешравӣ ва муваффақият-ҳост.

5. Ҳангоми сурудхонии дастаҷамъӣ кӯшидан лозим аст, ки овози ҳамаи сарояндагон дар як сатҳ бошад, якдигарро пахш накунанд.

6. Кӯшидан лозим аст, ки ҳангоми сурудхонӣ ҳиҷову ҳарфҳо бурро ва фаҳмо талаффуз карда шаванд.

7. Барои он ки сурудхониатон ба худатон ва шунавандагон ҳаловатбахш бошад, сурудро таъсирбахшу самимӣ сароед.

8. Аз ҳад баланд ва бо овози гӯшхарош ё тақлидкорона ба овозхони шинохта сароидан номақбул буда, ба овози шумо зиён меорад.

*Сурудро аз ёд кунед*

# Кишварам

Шеъри Салими Хатлонӣ

Мусиқии Ҷ. Обидпур






1

Бо Ватан сарфарози ҷаҳонем,
Бо Ватан ҷовидон, пуртавонем.
Дар вафои Ватан устуворем, } 2 бор
Насли фархундаи Ориёнем.
**Нақарот:** Кишварам, модарам, ифтихорам, } 2 бор
Маҳди ҷонпарварам, эътиборам.

2

Парчамат то абад пар-парафшон,
Дар канорат ҳама боғу бӯстон.
Ҳарфи қонуни бахтат муқаддас, } 2 бор
Нури хуршеди рӯзат ба ҷавлон.
**Нақарот:** Кишварам, модарам, ифтихорам, } 2 бор
Маҳди ҷонпарварам, эътиборам.

**Мазмуни барномавӣ.** Ҳангоми ёд додани суруд, дар навбати аввал ритм (усул)-и онро ба хонандагон ёд додан лозим аст. Дар оҳанги суруд бояд нотаи ҳаштякии нуқтадор (♪.) бо нотаи шонздаҳякӣ (𝅘𝅥𝅯) дар зарбу усул якҷоя бо матни шеър дуруст иҷро карда шавад. Диққат дода шавад, ки хусусияти меҳру муҳаббат нисбати кишвару Ватан афзуда, муқаддасоти он чун гавҳараки чашм эҳтиром карда шавад. Омӯзгорро лозим аст, ки ҳангоми омӯзиши суруд ба тоза сурудани терсияҳои хурд ва калон ***(ре-фа, ми-сол, сол-си♭, фа-ля)*** ва квартаи ***ля-ре***$_2$ назорат намояд. Инчунин пеш аз омӯзиш ва сароидани суруд мазмуни матнро ба пуррагӣ ба хонандагон фаҳмонида, талаффузи дурусти ҳамсадоҳоро дар охири калимаҳо ба эътибор гирад.

**Дастурҳои методӣ.** Пеш аз шурӯъ кардан ба омӯзиши суруд омӯзгорро лозим аст, ки машқҳои овозро якҷоя бо хонандагон гузарад. Тавассути машқҳо хонандагон соз ва зарбу усули сурудро хубтару зудтар аз худ менамоянд ва овози онҳо низ ба сурудхонӣ омода мешавад.

Ҳангоми иҷрои машқи овозӣ (б) мебояд хонандагон дар ҷояшон рост истода бо зарби метрикии мусиқӣ як-ду гӯён дар шумораи як - пойи чапро бардошта, бо зарб ба замин монда, дар шумораи ду – пойи ростро бардошта ба замин гузоранд.






Суруди «Кишварам» бо 10 тақтеъ мусиқии муқаддимавӣ оғоз шуда, хонандагонро бо зарб ва сози суруд ошно месозад.

Иборaи якуми суруд аз 4 тақтеъ сохта шуда, овозхонӣ аз зинаи якум оғоз мегардад. Сипас ба зинаҳои баланд (аз ***ре*** то ***си***) ба боло ҳаракат мекунад ва дар мисраи охири банд, пеш аз нақароти суруд ба тони асосӣ (зинаи якум) бармегардад.




Пеш аз нақарот 4 тақтеъ мусиқӣ омадааст, ки хонандаро ба сурудани нақарот омода месозад. Нақарот дар авҷи суруд тарҳрезӣ шуда, иборaи якуми онро мебояд писарҳо сароянд ва хор (ҳама) аз иборaи дуюм ҳамовоз шавад. Ҳамин тариқ, аломати сэно (𝄋) ишора мекунад, ки банди дуюми суруд аз аввал то ба охир такрор мешавад  ва бо 6 тақтеи хотимавӣ ба итмом мерасад.




Сурудро бо иборaҳо ёд додан мувофиқи мақсад аст.

Суруд бояд буррову ботантана, бо эҳсоси баланди ватанпарастӣ, фораму таъсирбахш ва хушҳолу рӯҳбаландона иҷро карда шавад.

# Муаллим

Шеъри Н. Розиқ

Мусиқии Ҷ. Обидпур






1

Муаллими меҳрубон,
Меҳратон дар дилу ҷон. } 2 бор
Лафзи ширину равон
Мо аз Шумо омӯхтем. } 2 бор
**Нақарот:** Муаллим, муаллим,
Ҷон, муаллим.

2

Ба ҳар савол ҷавобро,
Донистани ҳисобро, } 2 бор
Ҳам хондани китобро
Мо аз Шумо омӯхтем. } 2 бор
**Нақарот:** Муаллим, муаллим,
Ҷон, муаллим.

3

Ҳифзи хоки Ватанро,
Ба вай содиқ буданро, } 2 бор
Васфи боғу чаманро
Мо аз Шумо омӯхтем. } 2 бор
**Нақарот:** Муаллим, муаллим,
Ҷон, муаллим.

**Мазмуни барномавӣ.** Диққати хонандагонро ба он равона кардан лозим аст, ки сурудро бо эҳсос ва эҳтироми самимӣ нисбат ба омӯзгор сароянд. Ҳангоми омӯзиши суруд кӯшиш намоянд, ки квартаи ***ре – сол*** ва терсияҳои ***сол – си, ре – фа*** -ро тоза сароида, калимаҳои «меҳрубон», «меҳратон», «ҳифз» ва «омӯхтем» дуруст талаффуз карда шаванд.

**Дастурҳои методӣ.** Пеш аз шурӯъ кардан ба сароидани суруди «Муаллим», талабагон бояд машқи овозро, ки дар нотаҳои сеовозагии гаммаи ***ре*** минор сохта шудааст, якчанд маротиба бо ҳиҷои «ла» иҷро намоянд. Машқро дар гаммаҳои ***ми*** минору ***фа*** минор низ такрор намудан мувофиқи мақсад аст, тавре ки дар нота омадааст:




Порчаро аз суруди «Бузғола» сароида, нотаҳоро номбар кунед. Созе суруд ***ре*** минор буда, андозааш шаш-ҳаштякӣ мебошад. Суруд аз ду ибора сохта шуда, нақшаҳо дар ҳар ду ибораҳо якхеланд.

Ба тақтеъҳои дуюм ва чорум диққат диҳед: дар ин тақтеъҳо усул тағйир ёфта, ба ҷойи ҳиҷоҳои дароз дар ҳиссаи аввали тақтеъҳои дуюму чоруми оҳанг, дар муқоиса бо тақтеъҳои якуму сеюм ҳиҷои кӯтоҳ омада, нақшаи усулро дигар кардааст:

**Бузғола** (порча)

*Хушҳолона* Шеър ва оҳанги Ҷ. Обидпур




Барои он ки усули суруд ба зудӣ аз худ карда шавад, ритми онро дар якҷоягӣ бо омӯзгор бо чапакзанӣ якчанд бор такрор ба такрор иҷро намоед.

Ҳангоми омӯхтани суруди «Муаллим» ба сурудани дурусти мисраи якуми ҳар се банд диққат диҳед. Ритми мусиқии мисраи аввал «Муаллими меҳрубон» ба ин шакл аст:




Вале мисраи якуми банди дуюми шеър бошад, бо мусиқӣ ба таври зайл сароида мешавад:




Аз ин мисол бармеояд, ки дар тақтеи дуюми оҳанг, мувофиқи талаффузи дурусти ҳиҷоҳои калима, нақшаи ритм тағйир ёфта, дар ҳиссаи якуми тақтеи дуюм ба ҷойи ҳиҷои дароз-нотаи чорякӣ, ҳиҷои кӯтоҳ – нотаи ҳаштякӣ саҳеҳ аст. Чунин дигаргунӣ дар ҷумлаи дуюми мусиқӣ (байти дуюми банди шеър) вомехӯрад, ки ба сароидани дурусти он низ бояд аҳамият диҳед.

Суруди мазкур, ки дар васфи муаллим аст, бояд бо самимияти хосу меҳри беандоза ва шавқу завқ иҷро карда шавад. Суруд ҳадяест дар иди Рӯзи муаллимон ба устодони худ.





# Зиёдулло Шаҳидӣ

4-уми майи соли 1914 дар шаҳри Самарқанд таваллуд шудааст. Композитори тоҷик. Артисти халқии Тоҷикистон (1974). Соли 1932 мактаби миёнаро хатм карда, то соли 1939 ҳамчун навозанда дар театрҳо ва студияҳои радиои Тошканд, Самарқанд ва Сталинобод кор кардааст. Солҳои 1939-1952 роҳбари ансамбли тарона ва рақси филармонияи давлатии Тоҷикистон буд. Ӯ дар студияи назди Иттифоқи композиторони Тоҷикистон (1943-1946) аз А.С.Ленский ва С.А.Баласанян дарси композиторӣ меомӯзад ва соли 1949 Студияи миллии дусолаи назди Консерваторияи Маскав, соли 1957 шуъбаи миллии консерваторияи мазкурро хатм кардааст. Солҳои 1956-1960 вазифаи раиси Правленияи ИК Тоҷикистонро ба уҳда дошт.

Зиёдулло Шаҳидӣ аз аввалин оҳангсозонест, ки барои ташаккули мусиқии муосири тоҷик хизматҳои шоён кардааст. То солҳои 60-ум дар эҷодиёти Шаҳидӣ суруду романсҳо мавқеи калон доштанд. Дар байни онҳо таронаҳои «Хонаи мо» (шеъри А.Лоҳутӣ), «Иди Зафар» (шеъри Б.Раҳимзода), «Дарвоз» (шеъри А.Деҳотӣ), романсҳои «Зи сӯзи сина» (шеъри Ҳилолӣ), «Эй сорбон» (шеъри Саъдӣ) машҳуранд. Ӯ муаллифи операҳои «Комде ва Мадан» (1960), «Ғуломон» (1948), опереттаи «Духтаре аз Душанбе» (1968) мебошад, ки бо мусиқии халқии тоҷик робитаи зич доранд ва бо шаклу мундариҷа, нафосату латофат ва рангорангии тобишҳои мусиқӣ дар байни алоқамандони ин соҳа маълуму машҳуранд. Асарҳои симфонии Зиёдулло Шаҳидӣ аз қабили достонҳои симфонии «Соли 1917», «Ба ёди М.Турсунзода» (1983) мусиқии касбии тоҷикро бою рангин кардаанд. Дар достонҳои «Бузрук» ва «Симфонияи мақомҳо»

ӯ кӯшидааст, ки навоҳои хуши «Шашмақом»-ро истифода намояд.

Зиёдулло Шаҳидӣ муаллифи мусиқии якчанд намоишномаи мусиқӣ ва драмавӣ мебошад: «Арӯси панҷсӯма», «Шаҳри ман» ва ғ. Ба қалами ӯ инчунин чор суита ва якчанд кантата тааллуқ дорад. Ӯ ба як қатор филмҳо, аз ҷумла «Дӯсти ман Наврӯзов» (1959), «Вақти зангирии писарам расид» (1960) ва ғ. мусиқӣ эҷод кардааст.

Зиёдулло Шаҳидӣ депутати Совети Олии РСС Тоҷикистон (даъватҳои 1-4) буд. Ӯ дорандаи Мукофоти давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (1985) буда, бо орденҳои «Байрақи Сурхи Меҳнат», «Нишони фахрӣ» ва медалҳо мукофотонида шудааст.Зиёдулло Шаҳидӣ 25-уми феврали соли 1985 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.



---

Ад.: Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди III. –Душанбе.-2004.

*Мусиқӣ мешунавем*

# Иди Зафар

Шеъри Боқӣ Раҳимзода

Мусиқии Зиёдулло Шаҳидӣ




ди за - фар му - бо -
рак!
ff
mf
f
f
Им - рӯз хал - - қи киш -
вар, Мар - ду за - ни ди - ло -
вар, Ҳар як су - хан ку - над
сар, Ҳар як су - хан ку - над
сар, Гӯ - - - яд: За - фар
му - бо - рак! Бах - - - - ти ба -
шар му - бо - рак!




1

Омад хабар зи Маскав,
Аз фатҳу нусрати нав,
Халқи далер, бишнав,}2 бор
Ин хушхабар муборак!
Иди Зафар муборак!

Имрӯз халқи кишвар,
Марду зани диловар,
Ҳар як сухан кунад сар,}2 бор
Гӯяд: - Зафар муборак!
Бахти башар муборак!

2

Эй кишвари кабирам,
Ҳам лашкари далерам,
Сарбози беназирам, } 2 бор
Ин хушхабар муборак!
Иди Зафар муборак!

Эй халқи меҳрубонам,
Урдуи қаҳрамонам,
Васфи туро бихонам, } 2 бор
Гӯям: - Зафар муборак!
Бахти башар муборак!

Шоири ширинкалом Боқӣ Раҳимзода шаби 9 майи соли 1945 аз расидани Рӯзи Ғалаба бар Германияи фашистӣ, ки ба воситаи радио эълон гардида буд, хушҳол гашта, шеъри «Иди Зафар»-ро иншо мекунад ва худи ҳамон шаб ба композитори шинохта Зиёдулло Шаҳидӣ (онҳо дар ҳамсоягӣ мезистанд) занг зада, аз навиштани шеъраш ба ин муносибат, телефонӣ дарак медиҳад. Устод Шаҳидӣ ҳамон замон Боқӣ Раҳимзодаро ба хонааш даъват мекунад ва ба эҷоди мусиқии он шеър шурӯъ мекунад. То чашми шаб равшан шудан З. Шаҳидӣ сурудро эҷод карда, худаш онро ба Боқӣ Раҳимзода иҷро мекунад. Рӯзи дигар устод Шаҳидӣ овозхони хушсалиқа Шоиста Муллоҷоноваро ба хонааш таклиф карда, дар муддати кӯтоҳ сурудро ба ӯ ёд медиҳад. Баъди як рӯз суруди «Иди Зафар» дар фонди радио сабт шуда, ба воситаи радио дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ шунавонида мешавад. Дере нагузашта ин суруд дар байни мардум машҳур мегардад.

Бояд гуфт, ки суруди «Иди Зафар» то имрӯз дар Рӯзи Ғалаба – 9 Май ба воситаи телевизон ва радио шунавонида мешавад ва яке аз сурудҳои беҳтарин ба шумор меравад.

Мусиқии суруд дар услуби валс эҷод шуда, саршори тобишҳои хурсандӣ, хеле сабуку серҳаракат садо медиҳад. Мисраи аввал «Омад хабар зи Маскав» мардумро аз ин хушхабар дарак дода, онҳоро бо ғалабаашон такрор ба такрор муборакбод мегӯяд.

Пеш аз авҷи суруд мусиқии муқаддима бо каме тағйирот, хеле пурқувват (*ff*) садо дода, овозхонро ба сурудани авҷи суруд омода месозад. Авҷи суруд дар пардаҳои баланди соз ниҳоят пурҳаяҷону таъсирбахш сароида мешавад, ки шунавандаро ба ваҷд меорад.

Мусиқии суруд бе матн низ ҷолибу шуниданбоб аст. Мусиқиро шунида, кас садои скрипкаву созҳои нафасиро

баръало эҳсос мекунад ва тайёр аст, дар ҳавои он ба рақс дарояд.

**Саволҳо:**

– Шумо сурудро боре аз телевизион ё радио шунидаед?
– Бори аввал суруди «Иди Зафар» -ро кадом овозхон иҷро кардааст?
– Созҳои камонӣ аз нафасӣ чӣ фарқият доранд?
– Фарқи оркестр аз ансамбл дар чист?
– Вазифаи дирижёр дар оркестр аз чӣ иборат аст?
– Оё оркестр бе дирижёр навохта метавонад?



*Назарияи мусиқӣ*

# Ритм ва метр

**Ритм чист?**

Таносуби дарозии садоҳо дар пайдарпайии онҳо ритм номида мешавад. Дар мусиқӣ ивазшавии дарозии садоҳо ба амал меояд, ки дар натиҷа байни онҳо таносубҳои гуногуни муваққатӣ ташкил меёбад. Якшавӣ дар ҳолати мунтазами муайян, кашиши замонии садоҳо, гурӯҳи ритмӣ (мавзун)-ро ба вуҷуд меорад, ки дар навбати худ нақши умумии ритми асари мусиқиро ҷо ба ҷо мегузорад.

Мисол:

Ҷ. Обидпур. **Моҳираҷон мераксад.**




Ҷ. Обидпур. **Баҳор омад.**



**Метр чист?**

Ивазшавии мунтазами замонии ҳиссаҳои шиддатнок ва бешиддат метр (ченаки вазн) номида мешавад.




Дар андозаи сода ҳиссаҳои тақтеъ (яъне ҳиссаҳои метрикӣ) ҷудогона гурӯҳбандӣ карда мешавад.



Агар дар андозаи сода ҳиссаҳои метрикӣ бо як хел дарозии замонӣ вохӯранд, мумкин аст дар баъзе ҳолатҳо онҳоро дар доираи як тақтеъ бо ҳам гурӯҳбандӣ кард.

Мисол:



Сурудро аз ёд кунед

# Меҳргон

Шеър ва мусиқии Ҷӯрахон Обидпур






1

Ҷашни Меҳргон
Иди ҳосил аст,
Рақсу мусиқӣ
Шодии дил аст.
Ҳосил фаровон,
Зиндагӣ осон.
Таҳсину аҳсан } 2 бор
Бар марди деҳқон.

**Нақарот:** Бумбаки дойра } 2 бор
Баланд бишуд боз
Ҷӯр шуда бо ҳам } 2 бор
Дафу найу соз.
(Бумбаки дойра (ҳей)
Баланд бишуд боз).

Яке навохт най,
Дигаре сурнай.
Марғуладор аст
Садои карнай.
Биёед ҳама
Рақсему бозем,
Давра гирифта,
Бо ҳам бинозем. } 2 бор

**Нақарот:** Бумбаки дойра
Баланд бишуд боз } 2 бор
Ҷӯр шуда бо ҳам
Дафу найу соз. } 2 бор
(Бумбаки дойра (ҳей)
Баланд бишуд боз).

**Мазмуни барномавӣ.** Омӯзгорро лозим аст, ки саравваи ба хонандагон оид ба ҷашни Меҳргон ба таври мухтасар маълумот диҳад. Ҳангоми машқҳои овоз ба сифати маводди ёрирасон ба тоза сурудани нимтониҳои ***ми – фа, фа – ми*** ба поён ва квинтаҳои ***ре – ля, до – сол***, квартаи ***до – фа*** бештар аҳамият додан лозим аст.

Дар вақти иҷрои машқҳо нотаҳоро номбар кардан мувофиқи мақсад аст. Ба талаффузи дурусти калимаҳои «меҳргон», «аҳсан», «марғуладор», «боз», «соз» диққат дода, ҳар яки онҳоро дар алоҳидагӣ, ҳиҷо ба ҳиҷо бояд такрор кард.

**Дастурҳои методӣ.** Пеш аз омӯзиши суруд машқҳои зер ба сифати маводди ёрирасон барои овозро ба сурудхонӣ омода сохтан истифода бурда шавад.

***Муътадил*** *Машқи овоз*

а)


б)




Суруди «Меҳргон» бо оҳанги муқаддимавии иборат аз 10 тақтеъ оғоз шуда, хонандаро барои сурудани овози (тони) асосӣ водор месозад. Омӯзгор бояд муқаддимаи сурудро 2-3 маротиба навозад, то ки хонандагон онро аз бар кунанд ва тавонанд сурудхониро якҷоя оғоз намоянд. Бояд ба он эътибор дод, ки зарбу усул дар вақти суруд бо нотаи ҳаштякӣ баробар як хел нигоҳ дошта мешавад. Дар ҷойи тақтеъҳои суруд як ҳиҷо бо нотаи шонздаҳякӣ пайваст суруда мешавад. Ҳангоми омӯзиши чунин тақтеъҳо бояд кӯшиш кард, ки хонандагон ин гуна нотаҳоро тоза сароида, аз доираи талаботи усул берун набароянд. Чунончи:




Дар тақтеъҳое, ки пауза (таваққуф) вомехӯрад, овозро сари вақт қатъ кунанд. Эътибор диҳед ба тақтеи 3-юми оғози сурудхонӣ: пеш аз нотаи ***фа*** аломати тасодуфии ♯ омадааст, ки ба тоза сурудани он диққати махсус бояд дод. Нотаи ***фа***-и тақтеи 6-ум бошад, дар сози ре минор ба таври аслӣ, бе аломати ♯ суруда мешавад. Чунончи:






Сурудро бо табъи болида, шодона сароида, хусусияти онро, ки аз ҷашни Меҳргон ҳикоят мекунад, дарк намуда, худи хонандагон аз сурудхониашон ҳаловат баранд. Дар ин самт ба мазмун бештар эътибор дода, сурудро ниҳоят таъсирбахш сароянд.

Азбаски сериву пурӣ ва осудагӣ аз фаровонии ҳосил аст ва он бо заҳмати марди деҳқон ба даст меояд, хонандагон бояд сурудро бо шавқу завқи баланд ва сипосгузорӣ иҷро намоянд.

Суруд дар сози ***ре*** мажор иншо шуда, андозааш ду-чорякӣ мебошад, вале нақароти суруд дар андозаи шаш-ҳаштякӣ омадааст. Суръат дар ҳар ду қисми суруд хушҳолона буда, аз ид дарак медиҳад. Дар бахши нақарот бошад, хонандагон дар ҳиссаҳои зарбии тактеъ бояд чапак зананд. То оғози нақарот дойранавоз ду тактеъ якканавозӣ мекунад ва хонандагон ҳама тарафи ӯ нигариста, аз дигар шудани зарбу усули мусиқӣ хушҳол мешаванд ва бо оғози мисраи аввали нақарот чапак зада, сурудхонӣ мекунанд. Чунончи:




Дар бахши аввали суруд ибораҳои мусиқӣ байни яккахон ва хор – хонандагони синф тақсим шудаанд. Ин талабот бояд риоя карда шавад.

*Сурудро аз ёд кунед*

# Баррачеки масти ман

Шеъри Абдусалом Деҳотӣ

Мусиқии Ҷӯрахон Обидпур




кy - мур - кy - мур.
Яккахон
На - о - йи ме - ди - ҳам ба гов,
Ҳама
Ки ме - хӯ - рад фа - шар - фу - шур.
mf
Яккахон
А - гар ба об таш - на - й,
Ба чӯ - й дав та - пар - ту - пур.
Ҳама
(Ба чӯ - й дав та - пар - ту - пур).
Яккахон
Ши - кам - ча - ат, ки се - р шуд,
Ба рақ - с о гу - сур - гу - сур.
Ҳама
(Ба рақ - с о гу - сур - гу - сур).
Нақарот: яккахон
О, бар - ра - че - ки мас - ти ман,
Би - ё да - вон ду - кур - ду - кур.
Ҳама
Ҷа - ву а - лаф




1

О, баррачеки масти ман,
Биё давон дукур-дукур.
Ҷаву алаф ба дасти ман, } 2 бор
Биёву хӯр кумур- кумур.
Наоӣ, медиҳам ба гов, } 2 бор
Ки мехӯрад фашар-фушур.
Агар ба об ташнаӣ,
Ба ҷӯй дав тапар-тупур. } 2 бор
Шикамчаат ки сер шуд,
Ба рақс о гусур-гусур. } 2 бор
**Нақарот:** О, баррачеки масти ман,
Биё давон дукур-дукур.
Ҷаву алаф ба дасти ман,
Биёву хӯр кумур-кумур

2

Ба киштзу гул даҳан занӣ
Бузак барин шатар-шутур. } 2 бор
Шунида мон, ки мезанам,
Ба химчаҳо тасар-тусур. } 2 бор
**Нақарот:** О, баррачеки масти ман,
Биё давон дукур-дукур.
Ҷаву алаф ба дасти ман,
Биёву хӯр кумур-кумур



**Мазмуни барномавӣ.** Завқи хонандагонро ба сурудхонӣ зиёд карда, қувваи ҳофизаи онҳоро сайқал додан лозим аст. Як ё ду нафар писарбача дар сароидани суруд яккахон шуда, дигарон ҳангоми иҷрои порчаҳои ҷудогона (тавре ки дар маводди нотавии суруд ишора шудааст) онҳоро ҳамовозӣ мекунанд. Ҳадафи ин суруд дар хонандагон бедор кардани муносибати дуруст ва меҳру шафқат ба ҳайвонот мебошад. Ба ҳиссаҳои зарбии тақтеъҳо диққат дода, ин гуна ҳиҷоҳои заданокро аз дигар ҳиҷоҳои безада бояд ҷудо намуд (о́, бар-ра́-че-ќи). Омӯзгор бояд калимаҳои «баррачек», «дукур-дукур», «кумур-кумур», «фашар-фушур», «тапар-тупур», «гусур-гусур», «тасар-тусур»-ро алоҳида якчанд маротиба бо суръати суст, сипас бурро такрор карда, талаффузи дурусти онҳоро ба хонандагон ёд диҳад. Инчунин дар алоҳидагӣ фаҳмонидани мазмуну маънои ҳар як калима аз манфиат холӣ нест.

**Дастурҳои методӣ.** Пеш аз он ки хонандагон бо суруд шинос карда шаванд, чанд дақиқае бо онҳо мубоҳиса бояд ташкил кард, ки онҳо баррачаро медонанд ё боре аз наздик онро дидаанд? Бо дасти худ баррачаро  алаф хӯрондаанд? Ҳамин тариқ, хонандагон бояд дарк намоянд, ки мусиқии ба шеъри дар васфи баррача эҷодшуда, усулаш мураккаб буда, дар мусиқии тоҷик камистеъмол аст. Азбаски суруд дар сози  ре мажор эҷод шудааст, лозим аст, ки машқро дар сеовозагиҳои гаммаи ре мажор суруда, овози хонандагон барои сароидани суруд мувофиқ карда шавад.

*Машқи овоз*





Маводди дигаре низ пешкаш карда мешавад, ки пеш аз омӯзиши суруди «Баррачеки масти ман» дарси ёрирасон шуда метавонад.




Шакли суруди мазкур хеле сода ва оҳангаш равон аст. Сурудро сароида, нотаҳоро аз ёд кунед ва муайян созед, ки он аз чанд ибора сохта шудааст. Сози суруд ***ре*** мажор буда, андозааш шаш-ҳаштякӣ мебошад. Гӯед, ки мажор аз минор чӣ фарқият дорад?

Ҳангоми омӯзиши суруди «Баррачеки масти ман», омӯзгорро лозим аст, ки дар навбати аввал ритми онро бо чапакзанӣ ё ба воситаи зарби дойра, ки дар нота сабт шудааст, ба хонандагон ёд диҳад. Суруд бо 10 тақтеъ мусиқии муқаддимавӣ оғоз мешавад. Оҳанги муқаддимаро 2-3 маротиба алоҳида навозед, то ки хонандагон ба сози суруд ошно шаванд ва донанд, ки баъди кадом мусиқӣ суруд бо матни шеър сароида мешавад. Як ё ду писарбача дар нақши яккахон сурудро оғоз мекунанд.

Онҳо баррачаро зораву таваллo мекунанд, то ки омада аз дасташон «ҷаву алаф» хӯрад. Ҷумлаи дуюмро пас аз яккахон хор (ҳама) такрор карда месарояд. Бо ин онҳо низ яккахонро ёрдам доданианд. Чунин тарзи сурудхонӣ дар авҷи суруд низ такрор меёбад.

Дар авҷи суруд дар ибораи дуюм ба ҷойи до ♯, до ♮ омадааст, ки ба тоза сурудани он бояд диққати махсус дод. Чунончи:




Пас аз банди якум ва дуюми авҷи суруд, байти аввали шеър дар нақарот сароида мешавад.



# Ашерон

Навои халқии тоҷикӣ
Сабти Ҷӯрахон Обидпур






Навои «Ашерон» оҳанги қадимаи халқии тоҷикист, ки дар андозаи шаш-ҳаштякӣ эҷод шудааст ва дар суръати хушҳолона иҷро карда мешавад. Навои мазкур хусусияти рақсӣ дошта, онро бештар бо сурнай менавозанд, ки он асосан хоси мардуми ҷануби ҷумҳурӣ мебошад.

Азбаски сози сурнай на чандон сози техникист, бинобар ин, нақшаи ритми оҳанги пиесаи мазкур низ то андозае содаву равон аст. Ҳамзамон зарбу усули оҳанг сирф рақсист. Баъди иҷрои се ибораи сароғози пиеса якбора ба авҷ мегузарад ва пас аз фуроварди авҷ, боз ҳамон се иборан оҳанги аввал бо каме дигаргунии нақшаи оҳанг такрор меёбад. Навои мазкур дар сурнай бо ҳамовозии дойраву таблак хеле хушоҳангу таъсирбахш садо медиҳад.

**Савол:**

– Шумо мушоҳида кардаед, ки сурнайнавози моҳир то ним соат (ҳатто аз ин ҳам зиёдтар) нафасашро наканда беист менавозад. Оё шумо медонед, ки ӯ чӣ тавр нафасашро захира мекунад?

# Дарс – консерт

## а) Саволҳо барои такрор

1. Дарозии нотаҳоро номбар кунед!
2. Тоника, яъне овози асосиро чӣ тавр муайян мекунанд?
3. Аломатҳои алтератсӣ кадомҳоянд?
4. Кадоманд он аломатҳое, ки дарозии нотаҳоро меафзоянд?
5. Пауза чист?
6. Дарозии пауза (тафаккуф)-ҳо чӣ гунаанд?
7. Ритм чист?
8. Фарқи ритм аз метр дар чист?
9. Овозхонони халқиро дар Тоҷикистон чӣ тавр ном мебаранд?
10. Кадом ҳофизони халқии тоҷикро медонед?
11. Сурудро сароида, нотаҳоро номбар кунед! Муаллифи суруд кист?




12. Сурудҳои дар соли хониш аз ёд кардаатонро ба хотир оред. Бо зарби кадоме аз ин сурудҳо қадам задан мувофиқ аст.

## б) Барномаи консертӣ (10-15 дақ.)

1. «Кишварам», мусиқии Ҷӯрахон Обидпур, шеъри Салими Хатлонӣ.
2. «Муаллим», мусиқии Ҷӯрахон Обидпур, шеъри Нуъмон Розиқ.
3. «Баррачеки масти ман», мусиқии Ҷӯрахон Обидпур, шеъри А. Деҳотӣ.
4. «Меҳргон», шеър ва мусиқии Ҷӯрахон Обидпур.



*Сурудро аз ёд кунед*

# Моҳирачон мераксад

Шеъри Гулназар Келдӣ

Мусиқии Ҷӯрахон Обидпур






1

Рубоб занад чашмасор,
Найнавоз боди баҳор,
Қолин шавад сабзазор,-
Моҳирачон мерақсад!

**Нақарот:**
Баргҳо, ки қарсак зананд,
Шохаҳо таблак зананд,
Мурғакон чашмак зананд,-
Моҳирачон мерақсад!

2

Осмон мешавад гардон,
Замин мешавад ларзон,
Офтоб мешавад ҳайрон,-
Моҳирачон мерақсад!

**Нақарот:**
Баргҳо, ки қарсак зананд,
Шохаҳо таблак зананд,
Мурғакон чашмак зананд,-
Моҳирачон мерақсад!

3

Дигар надорам қарор,
Чӣ хел шинам дар канор?
Давра маро интизор,-
Моҳирачон мерақсад!

**Нақарот:**
Баргҳо, ки қарсак зананд,
Шохаҳо таблак зананд,
Мурғакон чашмак зананд,-
Моҳирачон мерақсад!

**Мазмуни барномавӣ.** Мазмуни шеърро ба хонандагон фаҳмонда, оҳанги муқаддимавии сурудро аз бар намудан лозим аст. Бо шавқу завқ ва шодона сурудани ин асарро ба хонандагон бояд омӯзонд. Ҳичоҳоеро, ки дар ду нота пайваст суруда мешаванд, тоза хонда, бояд ба он диққат дод, ки хонандагон аз доираи усули оҳанг берун набароянд. Дар нақароти суруд квартаи ***фа*** ♯ - ***си***, терсияҳои ***фа* ♯ - *ля***, ***сол – си*** ва нимтониҳои хурди ***фа* ♯ - *сол*** -ро тоза сароянд. Худи ҳамон чо, ҳичоҳои «ҳо» аз калимаи «шохаҳо», «кон» аз калимаи «мурғакон», ки бо ду нота пайваст суруда мешаванд, тозаву дуруст талаффуз карда шаванд. Ҳарфҳои ҳамсадо дар охири калимаҳои «чашмасор», «найнавоз», «баҳор», «сабзазор», «гардон», «ларзон», «ҳайрон», «мурғакон» ва амсоли онҳо аз калимаҳо наафтида, бурро талаффуз карда шаванд. Мисраи «Моҳирачон мерақсад»-ро, ки дар охири ҳар як банди суруд такрор меёбад, бо ҳиссиёти баланд сароянд ва аз сурудхонии худ ҳаловат баранд.

**Дастурҳои методӣ.** Ба омӯзгор лозим аст, ки ба хонандагон мазмуни шеърро мухтасаран фаҳмонад: аз рақси мавзуну зебои Моҳирачон дару девор ба рақс омада, чашмаҳо хурӯшида, боди серуни баҳорӣ чун рубобнавози чирадаст навохтан дорад. Гӯё аз қадамҳои нарми Моҳирачон сабзаҳо ба вачд омада, аз замин сар бардошта, дар як он заминро ба қолини зебои пурнақшу нигор табдил додаанд. Инчунин аз рақси дилфиреби Моҳирачон шоху барги дарахтон ҳамчун созҳои зарбӣ гӯё ба ҳамдигар ҳамоҳанг шуда, чапакзанӣ мекунанд. Мурғакон низ дар канор намонда, ба ин оҳанги пуртароват чӯр шуда, «чашмак мезананд». Ин мазмун дар мусиқии суруд равшан ифода ёфтааст, алалхусус дар нақароти он.

Машқҳои дар сози **ре** мажор эчодшуда хонандагонро ба сурудхонӣ омода месозад. Ҳангоми ичрои машқҳо нотаҳоро номбар карда, ҳар машқро бо ҳичоҳои пешниҳодшуда якчанд бор такрор ба такрор бояд сароид.

*Машқи овоз*

а) 


б) 

в)



г)



Суруди халқии «Вой-вой дилакам»-ро, ки дар сози ***ре*** мажор аст, ҳамчун маводди ёрирасон истифода бурдан мумкин аст. Ин сурудро аз нотаи ***фа***, яъне дар ***фа*** мажор низ иҷро кунед, ки аз манфиат холӣ нест.

**Вой-вой дилакам**

Суруди халқӣ




Қисми аввали суруди «Моҳираҷон мерақсад» дар андозаи дучорякӣ эҷод шуда, онро танҳо 1-2 нафар писар бояд яккахонӣ кунанд. Ба чунин тарз иҷро намудани суруд аз мазмуни шеър бармеояд. Писар мегӯяд, ки «Моҳираҷон мерақсад». Маҳз дар қисми аввали суруд Моҳираҷонро ба ракс даъват мекунад.

Шояд ҳангоми омӯхтани суруд баъзе мушкилӣ пеш ояд, чунки дар ҷумлаи аввали мусиқӣ як ҳиҷо дар ду нотаи шонздаҳякӣ

суруда мешавад. Ҳангоми омӯзиши суруд диққат дода шавад, ки ин гуна ҷойҳои оҳанг тоза сароида шуда, ҳамзамон сароянда аз зарбу усули мусиқӣ дур наравад. Калимаҳову ҳиҷоҳо бо оҳанг бурро талаффуз карда шаванд. Сурудро ҷумла ба ҷумла омӯзондан лозим аст. Чунончи:




Пеш аз нақарот яккахон дар зинаи сеюми лаҳн (лад) овоз кашида, усул аз ду-чорякӣ якбора ба уфар (шаш-ҳаштякӣ) табдил меёбад. Дар усули мусиқӣ рангубори тоза, ки хеле тарабафзо ба гӯш мерасад, касро ба ваҷд меорад ва ӯ тайёр аст, ки ба рақс дарояд. Баъди ду тақтеи навозиши дойра дар аввали нақарот, аз тақтеи сеюм хор (ҳама чапакзанон) суруд мехонанд ва духтаре дар ҳавои мусиқии нақарот ба рақс мебарояд. Чунончи нақарот:



*Сурудро аз ёд кунед*

# Ватан

Шеъри Абулқосим Лоҳутӣ

Мусиқии Ш.Шарифов






**Нақарот:** Мо сипоҳи туем, эй Ватан-эй Ватан,
Додхоҳи туем, эй Ватан-эй Ватан. } 2 бор

1

Душманат эй Ватан, бе ватан мешавад,
Пираҳан дар тани ӯ кафан мешавад. } 2 бор
**Нақарот:** Мо сипоҳи туем, эй Ватан-эй Ватан,
Додхоҳи туем, эй Ватан-эй Ватан. } 2 бор

2

Хоки ту гӯри он роҳзан мешавад,
Қаъри чаҳ манзили чоҳкан мешавад. } 2 бор
**Нақарот:** Мо сипоҳи туем, эй Ватан-эй Ватан,
Додхоҳи туем, эй Ватан-эй Ватан. } 2 бор

**Мазмуни барномавӣ.** Хонандагонро бо мазмуни шеър бояд шинос кард. Ба хонандагон дар навбати аввал ритми сурудро, ки андак мураккаб мебошад, омӯхта, ба ин васила нотаҳои ҳаштякии нуқтадорро бо нотаҳои шонздаҳякӣ саҳеҳу бурро бояд талаффуз кард. Суруд бо овози табиӣ озоду сабук сароида шавад. Ба тоза сурудани секундаҳои хурди ***ре-ми***, ***сол-ля***, терсияи хурди ***фа-ля*** квартаи ***сол-до*** бештар аҳамият диҳед. Бояд ба он кӯшид, ки ҳарфҳои ҳамсадо дар охири калимаҳои «душманат», «пираҳан», «Ватан», «чаҳ», «роҳзан» ва «чоҳкан» аз калимаҳо наафтида, шунаво талаффуз карда шаванд.

**Дастурҳои методӣ.** Пеш аз омӯзиши суруд омӯзгорро лозим аст, ки бо хонандагон дар навбати аввал мавзӯи хурдеро аз назарияи мусиқӣ оид ба дарозии нотаҳо фаҳмонида, сипас ба омӯзиши машқи овоз, ки  дар усули суруди «Ватан» эҷод шудааст, шурӯъ намояд.

**Қоида аз назарияи мусиқӣ:** агар дар зери нота нуқта гузошта шавад, кашиши замонии он нота ним баробар меафзояд. Мисол:

**а)** 𝅗𝅥. = 𝅗𝅥 + 𝅘𝅥 ё ки 𝅗𝅥. = 𝅘𝅥 + 𝅘𝅥 + 𝅘𝅥;

**б)** 𝅘𝅥. = 𝅘𝅥 + 𝅘𝅥𝅮 ё ки 𝅘𝅥. = 𝅘𝅥𝅮 + 𝅘𝅥𝅮 + 𝅘𝅥𝅮;

**в)** 𝅘𝅥𝅮. = 𝅘𝅥𝅮 + 𝅘𝅥𝅯 ё ки 𝅘𝅥𝅮. = 𝅘𝅥𝅯 + 𝅘𝅥𝅯 + 𝅘𝅥𝅯.

Машқи овозро бо нота иҷро намудан мувофиқи мақсад аст.




Азбаски суруд дар сози ***до*** минор эҷод шудааст, ба маврид аст, ки гаммаи ***до*** минор бо нота иҷро карда шавад.




Ҳангоми омӯзиши суруди «Ватан» омӯзгорро лозим аст, ки мусиқии сурудро навозад ва хонандагон дар усули он қадам зананд, то ки ритми сурудро зудтару хубтар аз бар намоянд. Ду-се маротиба сурудро бо як банди шеър аз аввал то ба охир бояд иҷро кард, ба он хотир, ки хонандагон аз суруд таассуроти умумӣ ҳосил кунанд. Сипас сурудро ҷумла ба ҷумла бо суръати суст, калимаҳоро бурро талаффуз карда сароянд. Баъди 6 тақтеи муқаддимавӣ нақароти суруд оғоз меёбад, ки онро ҳама месароянд. Нақарот аз ду ҷумлаи мусиқӣ иборат буда, ҷумлаи оҳанги суруд бошад, аз ду ибора сохта шудааст.




Баъди нақарот 2-4 нафар писари яккахон якбора дар авҷи мусиқӣ давоми сурудро иҷро мекунанд.Суруд ба васфи Ватан ва ҳифзи он бахшида шуда, хонандагонро водор месозад, ки онро бо эҳсоси баланду хушоҳанг ва табъи болидаву меҳри беандоза нисбат ба Ватан сароянд. Маънои ҳар мисраву калимаҳоро дарк намоянд.



## Хайрулло Абдуллоев



Соли 1930 дар деҳаи Балҷувони вилояти Кӯлоб (ҳоло вилояти Хатлон)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Композитори тоҷик, Ходими хизматнишондодаи санъати Ҷумҳурии Тоҷикистон (1986).

Хайрулло Абдуллоев аз давраи бачагӣ дар байни ҳунармандон–мусиқачиён буд, чунки падари ӯ ба ҳайси навозандаи театри мусиқӣ-драмавии шаҳри Кӯлоб кор мекард ва зуд-зуд писарашро ба сафарҳои ҳунариву машқҳо бо худ мебурд. Соли 1949 Хайрулло Абдуллоев ба шуъбаи созҳои миллии омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Душанбе (ихтисоси ғижак) дохил мешавад. Композитор А.С. Ленский Хайруллоро дар оҳангсозӣ ба шогирдӣ қабул мекунад ва ӯ бо роҳбарии устодаш ба эҷоди жанри суруд шурӯъ мекунад. Соли 1953 баъди хатми омӯзишгоҳ Хайрулло Абдуллоев донишҷӯйи факултаи назарияи композитории Консерваторияи давлатии шаҳри Маскав мешавад.  Дар консерватория устодонаш А.Н. Пахмутова ва сипас А.Н. Александров дар эҷоди мусиқӣ ба ӯ нозукиҳои композитсияро таълим медиҳанд.

Ҳанӯз солҳои 50-ум сурудҳои эҷодкардаи Хайрулло Абдуллоев ба барномаи овозхонони филармония ва радио дохил карда мешаванд ва сурудҳояш номи ӯро ба шунавандагони сершумор шинос мекунанд.

Эҷодиёти Хайрулло Абдуллоев обуранги хоси миллӣ дошта, дар заминаи анъанаҳои мусиқии халқии тоҷик ва фолклор

равнақу ривоҷ ёфтааст. Асарҳои ӯ саршори самимият, лиризми дилнишин ва нафосати хоси мусиқист.

Композитор Х. Абдуллоев муаллифи як қатор асарҳои гуногунжанри мусиқист: трио барои скрипка, виолончел ва фортепиано (1956); кантатаи «Садои Осиё» (1957); консерт барои скрипка ва оркестри симфонӣ (1958); симфониэтта (1963); достони вокалӣ-симфонӣ ба шеъри Мирзо Турсунзода; достони вокалӣ-симфонии «Нолаи Таҳмина» аз рӯйи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (1967) ва ғайра.

Ҳамчунин ӯ барои драмаҳои мусиқавии «Карим Девона»-и Т. Аҳмадхонов, «Қишлоқи тиллоӣ»-и М. Миршакар, инчунин намоишҳои «Интихоби домод»-и Ҳ. Содиқ, «Хазони таги по»-и Ф. Ғуломова, «Рустам ва Суҳроб»-и Ғ. Абдулло ва ғайра мусиқӣ эҷод кардааст.

Х. Абдуллоев зиёда аз 70 асар барои фортепиано, ғижак, рубоб, инчунин барои хор, дуэтҳо ва сурудҳои ҳаҷвӣ оҳангҳо эҷод намуда, дар онҳо унсурҳои мусиқии халқиро бо мусиқии касбӣ устокорона омезиш додааст.

Ӯ муаллифи як силсила сурудҳо мебошад, ки машҳуртаринашон инҳоянд; «Эй дил» (А. Лоҳутӣ), «Аскарбача» (А. Қодирӣ), «Файзо-бод» (Б. Собир), «Паёми дӯстӣ» ва «Душанбе» (М. Ҳайдаршо), «Марҳабо» (Б. Раҳимзода) ва ғайраҳо.



Композитор Хайрулло Абдуллоев дорои истеъдоди нодир буда, дар эҷоди мусиқии касбии тоҷик навовариҳо ворид карда, дар эҷодиёташ анъанаи ғании санъати мусиқии классикӣ, халқӣ ва муосирро моҳирона истифода кардааст.

Х. Абдуллоев аз соли 1963 узви Иттифоқи композиторони СССР буд. Ӯ дорандаи Мукофоти давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (2004) буда, бо ордену медалҳо мукофотонида шудааст.

Хайрулло Абдуллоев соли 2008 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.



# Гулдаста

Мусиқии Хайрулло Абдуллоев

***Moderato (муътадил)***






«Гулдаста» асари мусиқии композитори машҳури тоҷик Хайрулло Абдуллоев мебошад, ки он барои рубоб ва фортепиано эҷод шудааст. Андозаи асар панҷ-ҳаштякӣ буда, оҳангаш лирикӣ аст ва дар суръати муътадил навохта мешавад.

Асари мазкур ҳанӯз соли 1969 дар китоби «Дарси рубоб»-и профессор Ҷӯрахон Обидпур чоп шуда, то ҳол дар барномаи таълимии сози мазкур дохил карда мешавад. Пиесаи мазкур дар шакли суруд эҷод шуда, дорои авҷ аст. Оҳанги авҷ ду маротиба дар октаваҳои мухталиф садо медиҳад. Мусиқии пиеса хеле сода ва гӯшнавозу равон аст, ки зуд дар хотири шунаванда нақш мебандад.

## Саволҳо

– Шумо боз кадом асарҳо ва сурудҳои композиторро шунидаеду медонед?

– Кадом созҳои миллиро дар тӯю чорабиниҳои ҷашнӣ бештар истифода мебаранд?

– Сурнай ва карнай ба кадом гурӯҳи созҳо дохил мешаванд?

## Сурудро аз ёд кунед

# Mumy

Шеъри халқ

Мусиқии Ҷӯрахон Обидпур



1

My dear dear mumy,
I love you very much.
I want you to be happy,
On the 8 th of march.
Be happy, be happy. } 2
On the 8th of march.

2

My dear, dear mumy,
You love me very much.
You want me to be happy,
On the 8 th of march.
Be happy, be happy. } 2
On the 8 th of march.



**Мазмуни барномавӣ.** Омӯзиши хусусияти зиндадилонаву шодона сароидани сурудро ба хонандагон идома дода, ҳамзамон бояд кӯшид, ки онҳо сурудро бо овози табииашон озодона сароянд. Мусиқии муқаддимавиро аз бар карда, сурудро якҷоя оғоз намуда, анҷом бахшанд. Садои асосиро ***(фа)*** бо тамоми нозукиаш эҳсос намуда, онро сароянд. Кӯшиш намоянд, ки ҳангоми сурудани квартаи ***фа-до*** ба поён ва терсияи ***до₂ -ля*** ба поён тоза овоз бароранд.

Ҳангоми омӯзиши суруд ба талаффузи дурусту бурро бахусус калимаҳои «dear, very», «you to be» ва артикли муайянии «the» диққати бештар додан лозим аст.

**Дастурҳои методӣ.** Пеш аз шурӯъ кардан ба омӯзиши суруд ба фоидаи кор мебуд, ин чанд машқи овозро, ки дар сози ***фа*** мажор эҷод шудаанд, омӯзгор якҷоя бо хонандагон гузарад. Машқҳоро бо ҳиҷоҳои тавсияшуда якчанд маротиба суруда, боз чанд бори дигар нотаҳоро номбар карда, сароянд.



Суруди «Модар», ки матнаш бо забони англисист, мазмунан саршори меҳру муҳаббат нисбат ба Модар аст. Мусиқии суруд ниҳоят сода ва равон буда, диапазони овоз (фарқияти овози паст ва баланд) як октаваро дар бар мегирад ва дорои хусусияти хушоҳангист. Ҳангоми омӯзиши суруд бояд диққат дод, ки ҳиҷои аввали  мисраъ, азбаски безада мебошад, дар мусиқӣ бо нотаи ҳаштякии пештақтеӣ оғоз гардидааст. Яъне талаффузи он пас аз шумоpидани ду-и тақтеи дучорякӣ, дар «и» рост меояд. Ҳамин тарз, ҳама мисраҳои ҳар ду банди шеър ва нақарот дар мусиқӣ бо ҳиссаи пештақтеӣ (затакт) оғоз меёбанд. Дар тақтеъҳое, ки аломати пауза (таваққуф) вомехӯрад, кашиши овоз бояд дар вақташ қатъ гардад.

Сурудро бо ибораҳо ёд додан ба мақсад мувофиқ аст.




Нақароти суруд аз ду мисраъ иборат буда, дар авҷи оҳанг омадааст ва такроран ду маротиба иҷро мегардад. Порчаи мазкур аз ду ибора ва як ҷумлаи мусиқӣ сохта шудааст. Чунончи, нақарот:




Дар омӯзиши суруди мазкур ҳамкории омӯзгорони суруд ва омӯзгорони забони англисӣ натиҷаҳои дилхоҳ дода метавонад. Суруди «Mumy» -ро то Рӯзи модарон – «8-уми март»  аз ёд кунед.

## Зарб. Андоза. Пештактеъ

Ҷойивазкунии ҳиссаи садоҳои баробарзамонӣ дар мусиқӣ ҳаракати мунтазамро ба вуҷуд меорад (тавре мегӯянд, ба мисли задани набз).

Дар ин ҳаракат садоҳои баъзе ҳиссаҳои замонӣ бо зарба ҷудо карда мешаванд.

Чунин ҳиссаҳои зарбнокро зада (аксент) меноманд. Зада (зарб) дар услуби нотанависӣ бо ин аломат > аз боло ё поёни нота ба таври зайл ишора карда мешавад:



Ҳиссаҳое, ки дар онҳо зарб меояд, ҳиссаҳои заданок номида мешаванд. Ҳиссаҳое, ки зарб надоранд, ҳиссаҳои безада номида мешаванд. Мисол:

а) 

б) 

**Андоза чист?**

Ифодаи ҳиссаҳои метр бо дарозии муайян андоза номида мешавад. Дар услуби нотанависӣ андоза бо ду рақам ишора карда мешавад. Рақамҳо дар назди калид пас аз аломатҳои алтератсӣ, ба тарзи сурату махраҷ – яке болои дигаре навишта мешаванд. Мисол:



Агар мусиқӣ бо ҳиссаи безада оғоз ёбад, дар оғоз тақтеи нопурра ба вуҷуд меояд, ки онро пештақтеъ (затакт) меноманд. Чунончи:






# Ташна

Навои халқии тоҷикӣ






«Ташна» – навои халқии тоҷикӣ буда, бо суръати муътадил навохта мешавад. Навои мазкур лирикӣ буда, хушоҳанг, равону кашишдор аст. Шакли сохти наво сода буда, пас аз ҳар ибораи тозаи оҳанг ибораи дигаре ба тарзи “бозгӯй” омада, дар наво се бор такрор ёфтааст.

Навои “Ташна”-ро композитор Ёқуб Сабзанов барои рубоб ва фортепиано такмил додааст, ки он дар китоби “Дарси рубоб” (1969, 1982) муаллифаш Ҷӯрахон Обидпур чоп шудааст. Навои мазкур дар барномаи таълимии сози рубоб ҷойи намоёнро ишғол менамояд ва яке аз асарҳои дӯстдоштаи навозандагони сози мазкур мебошад. Навои “Ташна”-ро дар най, ғижак, чанг ва дигар созҳои миллӣ иҷро мекунанд.

## Саволҳо

– Аз созҳои миллӣ: - най, чанг, рубоб ва ғижак кадомашонро сози камонӣ мегӯянд?

– Сози най ба кадом гурӯҳи созҳо дохил мешавад?

– Кадом сози миллиро бо чӯбча менавозанд?

– Ғижак чанд тор дорад?

– Кадом сози миллӣ аз дигар созҳо садои баландтар дорад?

– Кадом созҳои миллиро созҳои зарбӣ мегӯянд?



## *Сурудро аз ёд кунед*

# Тухфаи баҳор

Шеъри Наимҷон Назирӣ

Мусиқии Ҷӯрахон Обидпур




Ҳама
чи - гит ко - рид. Нағз шуд, нағз шуд.
mf
cresc.
Ҳама
Фал - ла ба - рин шуд за - мин,
Яккахон
Ҳама
Аз бо - рон, аз бо - рон. Шу - куф - та
Яккахон
гул - ҳо ран - гин, Аз бо - рон, аз бо - рон.
Ҳама
Яккахон
Боғ - ҳо шуд но - за - нин, Аз бо - рон,
Ҳама
аз бо - рон. Кӯ - ҳу да - ман мах - ма - лин,
Яккахон
Аз бо - рон, аз бо - рон.
mf


Яккахон
Ҳо - ло бо шав - қи бис - ёр,
Ҳар са - ҳар, ҳар са - ҳар.
Яккахон
Ра - вем ба
Ҳама
сай - ри кӯҳ - сор, Ҳар са - ҳар, ҳар са - ҳар.
Яккахон
Чи - да гул - ҳо - и бис - ёр,
Ҳама
Ҳар са - ҳар,
ҳар са - ҳар.
Яккахон
Туҳ - фа гӯ - ем аз ба - ҳор,
Ҳама
Аз ба - ҳор, аз ба - ҳор. Аз ба - -
ҳор.

1

Ана,боз борон борид,
Нағз шуд, нағз шуд.
Аз тарновҳо об шорид,
Нағз шуд, нағз шуд.
Ба дашту саҳро форид,
Нағз шуд, нағз шуд.
Пахтакор чигит корид.
Нағз шуд, нағз шуд.

2

Фалла барин шуд замин,
Аз борон, аз борон.
Шукуфта гулҳо рангин,
Аз борон, аз борон.
Боғҳо шуд нозанин,
Аз борон, аз борон.
Кӯҳу даман махмалин,
Аз борон, аз борон.

3

Ҳоло бо шавқи бисёр,
Ҳар саҳар, ҳар саҳар.
Равем ба сайри кӯҳсор,
Ҳар саҳар, ҳар саҳар.
Чида гулҳои бисёр,
Ҳар саҳар, ҳар саҳар.
Туҳфа гӯем аз баҳор,
Аз баҳор, аз баҳор.

Қатъшавии садодиҳӣ (оҳанг) пауза (таваққуф) номида мешавад. Аломатҳои дарозии паузаҳо дар кадом як ҳиссаи тақтеъ вохӯранд, дарозии онҳоро низ мисли дарозии нотаҳо нигоҳ доштан лозим аст. Азбаски дар суруди «Туҳфаи баҳор» аломати пауза хеле зиёд истифода шудааст, омӯзгорро лозим меояд, ки дар бораи намудҳои паузаҳо ба хонандагон мухтасар маълумот диҳад.

Паузаҳо низ ба мисли нотаҳо дарозии муайяни худро доранд, ки ба таври зайл ишора меёбанд:




**Мазмуни барномавӣ.** Дар андозаи шаш-ҳаштякӣ пеш аз оғози оҳанг паузаи чорякӣ омадааст. Ба дақиқ иҷро кардани дарозиҳо дар ритмикаи тақтеъ, ки аз паузаи чорякӣ ва нотаҳои ҳаштякиву чорякӣ  иборат аст, бояд диққати махсус дод. Диққати хонандагон ба хусусияти хушоҳангӣ, шодона сароидани суруд ҷалб карда шавад. Суруд бояд бо садои сабук ва суръати хушҳолона бо шавқу завқ иҷро гардад. Ҳангоми омӯзиши ин суруд ба он мутаваҷҷеҳ шудан зарур аст, ки терсияҳои ***ля-фа*** ♯, ***си-сол***, ***фа*** ♯- ***ре*** ба поён, секундаи ***фа*** ♯- ***сол***, терсияи ***ми-сол***, квартаи ***ре-сол*** ба боло тоза суруда шавад. Бояд бар он кӯшид, ки ҳангоми сурудхонӣ ҳамсадоҳо дар охири калимаҳои «борид», «шорид», «нағз», «форид», «пахтакор», «корид», «нозанин», «махмалин», «кӯҳсор», «баҳор» наафтида, бурро талаффуз карда шавад.

**Дастурҳои методӣ.** Оғози ин суруд бо пауза омадааст. Бо мақсади он ки хонандагон онро дурусттару зудтар ёд гиранд, ба омӯзгор лозим аст дар навбати аввал машқҳои овозро, ки дар соз ва зарбу усули худи суруд эҷод гардидаанд, бо хонандагон якчанд бор иҷро намояд. Бояд ба зарбу усули дойра, ки дар нота сабт шудааст, бештар аҳамият дод. Аз ин мисол бармеояд, ки оғози иборам суруд баъд аз буми дойра иҷро карда мешавад. Машқҳои овоз низ бо ҳамин тарз оғоз меёбанд.

***Машқи овоз***




Машқҳоро якчанд маротиба бо ҳиҷоҳои тавсияшуда иҷро карда, сипас онҳоро бо нота такрор намоед.

Суруди «Туҳфаи баҳор» аз се банд иборат буда, бо шаклаш аз дигар сурудҳои дар китоб ҷой додашуда фарқ мекунад. Масалан, пас аз мисраи якум «Ана, боз борон борид» иборам «нағз шуд» ду маротиба такрор меёбад ва мазмуни мисраъро пурратар месозад.

Ҳамин тариқ, пас аз ҳар мисраи бандҳо суханони «аз борон» ва «ҳар саҳар» ба кор бурда мешаванд. Мувофиқ ба мазмуни шеър мусиқӣ ва тарзи иҷрои суруд дар ҳар як банд дигар

шудааст. Ба ин мақсад банди якуми сурудро яккахон сароида, хор ба ӯ ҷавоби тасдиқӣ мегӯяд. Баъд аз 8 тактеи мусиқии муқаддимавӣ суруд дар иҷрои 2-4 нафар яккахон оғоз меёбад.




Мисраи якуми банди дуюмро бошад, баръакс, аввал хор суруда, ҷавобро яккахон иҷро мекунад ва банди сеюм боз ба тарзи банди якум иҷро карда мешавад. Аммо пеш аз банди дуюм, ки авҷи суруд ба ҳисоб меравад, 4 тактеъ мусиқӣ иҷро карда мешавад, ки ин амал маънои ба сурудхонӣ тайёр кардани хорро дорад.




Суруд, чунон ки аз номаш пайдост, дар васфи баҳор буда, манзараи чӣ гуна дар ин фасли зебои сол барои кишт тайёр шудани замин, шукуфтани гулҳои ранг ба ранг, аз гулу сабза ҳусну таровати тоза гирифтани боғҳо ва кӯҳу даман, ки ҳар касро чун оҳанрабо ба сӯйи худ мекашад, тасвир шудааст. Шоир ин атои табиатро бо самимияти том тараннум кардааст.

Мусиқии суруд низ хеле гӯшнавозу дилнишин буда, ба шунавандагон таъсири амиқ мегузорад. Мебояд суруди мазкур, ки хусусияти хушоҳангӣ дорад, ниҳоят бо шавқу завқи баланд ва буррову таъсирбахш иҷро карда шавад.

## *Сурудро аз ёд кунед*

# Чӯчаҳои заррин

Шеъри Ҷӯра Ҳошимӣ

Мусиқии Қудратулло Яхёзода






1

Зарринболу пар ҳастед (ҳой, ҳой),
Зарринёлу бар ҳастед (ҳой, ҳой).
Зарриннӯлу зарринпой,
Зарринтоҷи сар ҳастед. } 2 бор

**Нақарот:** Ай, чӯҷаҳо, ай чӯҷаҳо,
Ҳай, бебаҳо чӯҷаҳо,
Ай, чӣ ширин чӯҷаҳо
Ҳай,чӣ заррин чӯҷаҳо. } 2 бор

2

Заррин овозе доред (ҳой, ҳой),
**Чӣ**, чӣ, чӣ, чӣ, чӣ,чӣ,чӣ (ҳой, ҳой).
Аҷаб суруд мехонед,
**Чӣ**, чӣ, чӣ, чӣ, чӣ,чӣ,чӣ. } 2 бор

**Нақарот:** Ай, чӯҷаҳо, ай чӯҷаҳо,
Ҳай, бебаҳо чӯҷаҳо,
Ай, чӣ ширин чӯҷаҳо
Ҳай, чӣ заррин чӯҷаҳо. } 2 бор



Суруди «Чӯҷаҳои заррин» бо 6-тақтеъ мусиқии муқаддимавӣ оғоз шуда, хонандагонро бо сози суруд ошно месозад. Овози аввали оғози суруд дар зинаи III (сеюм, нотаи **ми**) омадааст, ки барои хонандагон андак мушкилӣ пеш меорад. Омӯзгорро лозим аст, ки ду тақтеи пеш аз оғози сурудро навохтан, бо хонандагон якҷоя ба сурудхонӣ шурӯъ намояд.

Ибораи якуми сурудро, ки дар 3-тақтеъ омадааст, якчанд маротиба такрор ба такрор сароед. Мисраи дуюми суруд низ бо оҳанги ибораи якум суруда мешавад. Чунончи:




Банди дуюми суруд бо як ҷумлаи мусиқӣ дар ҳаҷми 4 тақтеъ тарҳрезӣ гардида, ду маротиба такрор меёбад. Бо ҳамин банди якуми суруд хотима ёфта, нақарот сар мешавад.

Дар нақароти суруд шакли нақшаи оҳанг тағйир ёфтааст, ки ба он бояд диққат дод. Дигар чизе, ки бештар диққат мехоҳад, ин дар авҷ тоза сурудани овозҳои секундаи афзудаи ***си-ля*** ♭ ба поён ва терсияи хурди ***ля*** ♭ ***- фа*** ба поён аст.



Суруд дар васфи чӯҷаҳои зебояку хурдакак эҷод гардида, хонандагон бояд онро бо самимияту дилгармӣ нисбати ин парандаи хонагӣ, ки калон шавад, ба одам манфиат меорад, сароянд. Ҳангоми иҷрои суруд бояд кӯшид, ки ҳар як ибораи суруд таъсирбахшу хушоҳанг бошад ва бо суръати хушҳолона сабуку форам сароида шавад.

Бо сабаби он ки суруди «Чӯҷаҳои заррин» дар ладҳи (лаҳни) мажори гармоникӣ эҷод шудааст, омӯзгорро лозим аст дар хусуси ин лад ба таври мухтасар ба хонандагон маълумот диҳад. Чунин амал имкон медиҳад, ки онҳо бо сохти ладҳи мажорӣ шинос гарданд.

Истифодаи мажор бо зинаи паст шудани VI дар мусиқӣ кам нест. Чунин намуди ладҳи мажориро мажори гармоникӣ меноманд (ниг.: ба мисоли зер). Фарқи гаммаи мазкур аз ладҳи мажорӣ дар он аст, ки бо ним тон паст шудани зинаи VI он байни зинаҳои VI ва VII секундаи афзуда ба вуҷуд меояд.







Мажори гармоникӣ дар мусиқии классикии ғарбу рус ва халқии тоҷик низ вомехӯрад. Алалхусус дар мусиқии халқии мардуми Бадахшон. Аломати пастшавии зинаи VI пеш аз нота навишта мешавад ва дар мавриди зарурӣ ҳамчун аломати тасодуфӣ номбар карда мешавад.

**Мазмуни барномавӣ.** Ҳангоми дар асоси гаммаи до мажори гармоникӣ ва машқи овоз бо ин лад шиносонидани хонандагон диққат дода шавад, ки онҳо дар суруд секундаи афзуда (***ля*** ♭ -

***си*** ба боло, ***си- ля*** ♭ ба поён), секундаҳои хурди ***ля*** ♭ ***- сол***, ***до***$_2$ - ***си*** ба поён ва ***ми - фа*** ба боло, квартаи ***до***$_2$ - ***сол*** ба поёнро дар оҳанг тоза сароянд. Калимаҳои «зарринбол», «зарринёл», «зарриннӯл», «зарринпой», «заррин», ки бо ду ҳарфи ҳамсадои «р» ва «н» иншо шудаанд, бурро талаффуз карда шаванд.

**Дастурҳои методӣ.** Хуб мебуд, пеш аз омӯзиши суруд гаммаи до мажори гармоникӣ бо сеовозагиаш ва машқи овоз бо нота якчанд бор суруда шавад. Тавассути машқ хонандагон сози сурудро хубтар аз худ менамоянд ва овози эшон низ ба сурудхонӣ омода мешавад.






## Дарс-консерт

### а) Саволҳо барои такрор

1. Кадом зинаҳои гаммаро садоҳои устувор меноманд?

2. Фарқи гаммаи мажор аз минор дар чист?

3. Диез чиро ифода мекунад?

4. Аломати пастшавии овозро чӣ меноманд?

5. Чиро аломати тасодуфӣ мегӯянд?

6. Чиро андоза мегӯянд ва онҳо чӣ тавр ифода карда мешаванд?

7. Ба хотир оред сурудеро, ки бо ҳиссаи пештақтеъ оғоз меёбад.

8. Кадом зинаҳоро дар гамма сеовозагӣ меноманд?

9. Зарб (зада) дар кадом ҳиссаи тақтеъ меафтад?

10. Композиторони тоҷикро номбар кунед.

11. Муайян созед, ки дар зер нақшаи ритми кадом суруд дар нота сабт шудааст, ритмро бо чапакзанӣ муайян кунед.



12. Муаллифи мусиқии «Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» кист? Матнашро кӣ навиштааст?

### б) Барномаи консертӣ (10-15 дақ.)

1. «Ватан», мусиқии Ш. Шарифов, шеъри А. Лоҳутӣ.

2. «Модар» (суруди англисӣ), мусиқии Ҷ. Обидпур, шеъри халқ.

3. «Чӯҷаҳо», мусиқии Қ. Яхёев, шеъри Ҷ. Ҳошимӣ.

4. «Тухфаи баҳор», мусиқии Ҷ. Обидпур, шеъри Наимҷон Назирӣ.

# Модари ҷон, модарам

*Замима*

Шеъри Боқӣ Раҳимзода ва Муҳиддин Фарҳат

Мусиқии Миратулло Атоев






1

Чун падарам кордон мешавам!
Чун акаам паҳлавон мешавам!
Чун апаам қаҳрамон мешавам!
Мисли шумо меҳрубон мешавам!

**Нақарот:** Модари ҷон, модарам!
Модари ҷон, модарам! } 2 бор

2

Соҳиби кору сухан мешавам!
Булбули боғу чаман мешавам!
Чобуку ҳушёр ман мешавам!
Лоиқи номи Ватан мешавам!

**Нақарот:** Модари ҷон, модарам!
Модари ҷон, модарам! } 2 бор

3

Соҳиби илму ҳунар мешавам!
Аз ҳама фан бохабар мешавам!
Аз пайи роҳи падар мешавам!
Ҳамдами фатҳу зафар мешавам!

**Нақарот:** Модари ҷон, модарам!
Модари ҷон, модарам! } 2 бор

# Баҳори Ватан

Шеъри Салими Хатлонӣ

Мусиқии А. Мӯсоев






1

Сабз дашту даман,
Сабз боғу чаман.
Гулфишон бӯстон
Аз баҳори Ватан.
} 2 бор

**Нақарот:** Сабз боғу чаман,
Аз баҳори Ватан. } 2 бор

2

Накҳати гул расид,
Сози булбул расид.
Сарви боғу чаман
Гул ба кокул расид. } 2 бор

**Нақарот:** Сабз боғу чаман,
Аз баҳори Ватан. } 2 бор

3

Савти борон хуш аст,
Ҷамъи ёрон хуш аст.
Дӯстон, зиндагӣ
Бо баҳор хуш аст. } 2 бор

**Нақарот:** Сабз боғу чаман,
Аз баҳори Ватан. } 2 бор



# Дӯстдори зиндагӣ

Шеъри А. Насимӣ

Мусиқии халқ
Такмили Ҷ. Обидпур






1

Рангу бӯйи тозае дорад баҳори зиндагӣ,
Синаҳо гардида пур аз ифтихори зиндагӣ. }2 бор
Мекунам меҳнат барои мулки ҷоноҷони худ, }2 бор
Чунки ҳастам аз дилу ҷон дӯстдори зиндагӣ. }2 бор

2

Дар тамоми соҳаҳо бошад барои халқи мо,
Кор кардан, пеш рафтан – ин шиори зиндагӣ. }2 бор
Саъю кӯшиш карда, меҳнат мекунем, аз ин сабаб, }2 бор
Гашта аз мо хуррамии пойдори зиндагӣ. }2 бор

# Парасту

Шеъри А. Раҳмон

Мусиқии Н. Бобокалонова






1

Парасту, эй парасту,
Эй парандаи хушрӯ. } 2 бор

Мо мекӯчем аз ин ҷо,
Мешавем аз ту ҷудо. } 2 бор

**Нақарот:** Баҳри дӯстон доимо,
Кушода дарҳои мо. } 2 бор

2

Аммо ту фаҳмида мон,
Бачаҳот, ки шуд калон, } 2 бор

Ҳамроҳи онҳо даррав
Хонаи нави мо рав! } 2 бор

**Нақарот:** Баҳри дӯстон доимо,
Кушода дарҳои мо. } 2 бор



# Гулбед

Шеъри Гулназар Келдӣ

Мусиқии Ҷӯрахон Обидпур






1

Гулбеди лаби бора
Кокулаш тора-тора.
Маҳин-маҳин меларзад,
Ҳай дилнишин меларзад.

**Нақарот:** Дар оби софи ҷӯбор,
Ойинаи беғубор.
Гулбед кунад тамошо,
Кокулакони худро. } 2 бор

2

Сари кокул ғарқи гул,
Гул дар сари ҳақ кокул.
Имрӯз мисли Зайнаб,
Гӯё равад ба мактаб.

**Нақарот:** Дар оби софи ҷӯбор,
Ойинаи беғубор.
Гулбед кунад тамошо,
Кокулакони худро. } 2 бор

# Песенька друзей

Шеъри Я. Аким

Мусиқии В. Герчик




1

Всем советуем дружить,
Ссориться не смейте!
Без друзей нам не прожить,
Ни за что на свете!
**Припев:** Ни за что, ни за что,
Ни за что на свете!

2

Не бросай друзей своих,
Будь за них в ответе.
Не давай в обиду их
Никому на свете.
**Припев:** Ни за что, ни за что,
Ни за что на свете!

# Ману тарона

Шеъри Гулназар Келдӣ

Мусиқии Ҷӯрахон Обидпур






1

Ману тарона
Бо ҳам дугона.
То ба ҳам ҳастем,
Мо беғам ҳастем.
Ҳар ҷо тарона-ст,
Дарё равон аст.
Гулҳо шукуфон,
Дилҳо хурӯшон.
**Нақарот:** Ҳар ҷо тарона-ст,
Дунё ҷавон аст.
Ҳар кор осон,
Шодӣ фаровон.

1

Ману тарона
Бо ҳам дугона.
То ба ҳам ҳастем,
Мо беғам ҳастем.
Ҳар ҷо тарона-ст,
Дарё равон аст.
Гулҳо шукуфон,
Дилҳо хурӯшон.
**Нақарот:** Ҳар ҷо тарона-ст,
Дунё ҷавон аст.
Ҳар кор осон,
Шодӣ фаровон.



# Мундарича


Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шеъри Гулназар Келдӣ, мусиқии Сулаймон Юдаков....................................4
Сарсухан.......................................................................................................5
Қоидаҳои сурудхонӣ.....................................................................................8
«Кишварам». Шеъри Салими Хатлонӣ, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур................9
«Муаллим». Шеъри Нуъмон Розиқ, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур..................13
Композитор Зиёдулло Шаҳидӣ......................................................................18
Мусиқӣ мешунавем: З.Шаҳидӣ «Иди Зафар»..............................................20
Назарияи мусиқӣ: ритм ва метр...................................................................25
«Меҳргон». Шеър ва мусиқии Ҷӯрахон Обидпур..........................................27
«Баррачеки масти ман». Шеъри Абдусалом Деҳотӣ, мусиқии
Ҷӯрахон Обидпур..........................................................................................32
Мусиқӣ мешунавем: «Ашерон».......................................................................39
Дарс – консерт................................................................................................41
«Моҳирачон мерақсад». Шеъри Гулназар Келдӣ, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур
...........................................................................................................................42
«Ватан». Шеъри Абулқосим Лоҳутӣ, мусиқии Шералӣ Шарифов...................48
Композитор Хайрулло Абдуллоев....................................................................53
Мусиқӣ мешунавем: Х.Абдуллоев – «Гулдаста»..............................................56
«Мuтy». Мусиқии Ҷӯрахон Обидпур................................................................58
Назарияи мусиқӣ: Зарб. Андоза. Пештақтеъ..................................................62
Мусиқӣ мешунавем: «Ташна»..........................................................................64
«Туҳфаи баҳор». Шеъри Наимчон Назирӣ, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур.......67
«Чӯҷаҳои заррин». Шеъри Ҷӯра Ҳошимӣ, мусиқии Қудратулло Яҳёзода.....74
Дарс-консерт....................................................................................................80
Замима:
«Модари чон, модарам». Шеъри Боқӣ Раҳимзода, мусиқии Миратулло Атоев.....81
«Баҳори Ватан». Шеъри Салими Хатлонӣ, мусиқии Амирбек Мӯсоев .........83
«Дӯстдори зиндагӣ». Шеъри А.Насимӣ..........................................................86
«Парасту». Шеъри А.Раҳмон, мусиқии Н. Бобокалонова...............................88
«Гулбед». Шеъри Гулназар Келдӣ, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур.......................90
«Песенька друзей». Шеъри Я.Аким, мусиқии В.Герчик...................................92
«Ману тарона». Шеъри Гулназар Келдӣ, мусиқии Ҷӯрахон Обидпур...........93

ҶӮРАХОН ОБИДПУР

# Суруд ва мусиқӣ

## Китоби дарсӣ барои синфи 4 - уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

(Нашри сеюм)

Муҳаррир Н. Б. Сарфароз
Мусаҳҳеҳ М. Саидова
Муҳаррири техникӣ Н. Зайниддинов
Тарроҳ И. Сатторов

Ба чоп 12.06.2018 иҷозат дода шуд.
Андозаи 70х90 1/16. Коғази офсет. Чопи офсет.
Ҷузъи чопӣ 6,0. Адади нашр 120 000 нусха. Супориши №14/2018

Муассисаи нашриявии “Маориф”-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел.: 222-14-66.
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «Орбита» ба табъ расидааст
Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душане, кӯч. Н. Ҳувайдуллоев 143.
Тел.: 250-13-93, 250-13-78.
E-mail: dmari71@mail.ru